"Тасдиқ мекунам"
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.и., профессор
_______________Хушвахтзода Қ.
"___"_______________с.2022

## ХУЛОСАИ

шурои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Олимиён Сабрина Шамсулло дар мавзуи **"Нақши матбуоти даврии тоҷик дар тарғиби фарҳанги миллӣ (дар мисоли нашрияҳои "Ҷумҳурият", "Ҷавонони Тоҷикистон", "Озодагон" ва "Миллат", солҳои 2010-2015)"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ.

Диссертатсия дар мавзуи "Нақши матбуоти даврии тоҷик дар тарғиби фарҳанги миллӣ (дар мисоли нашрияҳои "Ҷумҳурият", "Ҷавонони Тоҷикистон", "Озодагон" ва "Миллат", солҳои 2010-2015)" дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ иҷро шудааст.

Муҳокима ва экспертизаи даври якуми диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 19.11.2021, №4 гузаронида шудааст.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9-и "Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, № 503)" иртибот дорад, зеро масъалаи арзишҳову фарҳанги миллӣ ва таҳқиқи онҳо дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои актуалӣ ба шумор меравад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯй аст. Автореферат ва 13 мақолаи чопшудаи диссертант

муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант ёздаҳтои он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд:

[1-М] Астанақулова Ҷ. Инъикоси фарҳанги оиладорӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли рӯзномаи "Ҷумҳурият", соли 2015). – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2016. – №4/6(212). – С. 270-273;

[2-М] Астанақулова Ҷ. Инъикоси танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли сомонаи "Ҷумҳурият" ва рӯзномаи "Миллат", соли 2010). – "Номаи Донишгоҳ"-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров. – 2017. – №3(52). – С. 142-146;

[3-М] Астанақулова Ҷ. Проблемагузорӣ ва усули баррасии масъалаҳои фарҳанг дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли маводи рӯзномаи "Ҷумҳурият" ва ҳафтаномаи "Миллат" дар соли 2015). – "Номаи Донишгоҳ"-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров. – 2017. – №4(53). – С. 156-160;

[4-М] Астанақулова Ҷ. Инъикоси арзишҳои этникӣ ва фарҳангии ҷӯгиёни маскуни Тоҷикистон дар матбуот (дар мисоли ҳафтаномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" ва "Миллат"). – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– 2017. – №4/1. – С. 299-302;

[5-М] Астанақулова Ҷ. Арзишҳои миллӣ дар шароити бархӯрди фарҳангҳо дар мисоли сомонаи www.jumhuriyat.tj ва сомонаи www.ozodagon.tj соли 2011- 2012). – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018. – №1. – С. 273-276;

[6-М] Астанақулова Ҷ. Махсусияти ташаккули сомонаҳо дар медиамуҳити Тоҷикистон.– Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. – 2018. – №2.– С. 203-207.

[7-М] Астанақулова Ҷ. Махсусияти мавзуӣ ва жанрии хабарҳои фарҳангӣ дар матбуот (дар мисоли рӯзномаҳои "Ҷумҳурият" ва "Миллат"). – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. –2018. – №7. – С. 311-314;

[8-М] Олимиён С. Ш. Мавқеи жанрҳои хабарӣ дар рӯзномаҳои "Ҷумҳурият" ва "Ҷавонони Тоҷикистон" соли 2014-2015". – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020. – №7. – С. 267-273;

[9-М] Олимиён С. Ш. Мавқеи жанри пурсиш-посух дар тарғиби масъалаҳои фарҳангӣ дар матбуот (дар мисоли сомона ва ҳафтаномаҳои

“Озодагон”, “Ҷавонони Тоҷикистон”, “Миллат”). – Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. – 2021. – №2 (91). – С. 208-210;

[10-М] Олимиён С. Ш. Ҷойгоҳи жанри пурсиш-посух дар сомонаҳо ва ҳафтаномаҳои “Миллат” ва “Ҷавонони Тоҷикистон”. – Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2021.– №2 (39). – С. 78-81.

[11-М] Мухторӣ Қ., Олимиён, С.Ш. Ҷашнҳои сегона дар матбуоти даврӣ (дар мисоли сомонаҳои www.jumhuriyat.tj ва www.millat.tj) [Матн] / Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. – 2022. – №1(96). – С. 200-206.

**Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашриёҳои дигари илмӣ:**

[12-М] Астанақулова Ҷ. Инъикоси фарҳанги оиладорӣ дар мусоҳибаҳои матбуотӣ (дар мисоли рӯзномаи “Ҷумҳурият”, соли 2015). – Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии олимони ҷавони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон “Мактаби сулҳпарваронаи Пешвои миллат – роҳнамои ҷавонон барои имрӯзу ояндаи дурахшон” бахшида ба 20-солагии Ваҳдати миллӣ ва Соли ҷавонон, 18-19 майи соли 2017. – Душанбе, 2017. – Саҳ. 261-262;

[13-М] Олимиён, С.Ш. Отражение социальной жизни карлуков в периодической печати Таджикистана [Текст] / С.Ш. Олимиён // Тюрко-монгольский мир Большого Алтая: историко-культурное наследие современность: материалы II Международного алтаистического форума. Барнаул: Изд-во Алт.ун-та,2021.– С. 461-464.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст. Рисола дар маҷлиси васеи кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Аз рӯи мавзуи диссертатсия, дар маҷмуъ 13 мақола, аз ҷумла, 11 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд, чоп шудааст.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқотро дар вақти навиштани мақола ва таълифи рисолаҳои илмӣ, дар мавриди баррасии паҳлуҳои ҷудогонаи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма, арзишҳои милливу динӣ, ва фарҳангӣ метавон истифода кард. Ҳамчунин, натиҷаҳои илмӣ, тавсияҳои муаллифро дар омода намудани рӯзноманигорон, амалияи воситаҳои ахбори омма ба таври васеъ ба кор бурдан мумкин аст.

Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқ дар ташаккули баъзе масъалаҳои назариявии журналистика аз аҳамият холӣ нестанд.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои он метавонанд, дар омӯзиши масъалаҳои ташаккули афкори омма, жанрҳои журналистика, сотсиологияи журналистика, фарҳанг ва ВАО, дар таҳияи китоб ва дастури таълимӣ аз фанҳои асоссҳои фаъолияти эҷодии журналист, сотсиологияи журналистика, курсҳо ва семинарҳои махсус барои рӯзноманигорон, фарҳангшиносон дар макотиби олӣ мавриди истифода қарор гиранд. Аз натиҷаи диссертатсия барои донишҷӯёни ихтисосҳои рӯзноманигорӣ, фарҳангшиносӣ курс ва семинарҳои махсус хондан мумкин аст.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Тамоми ҷараёни ҷамъоварии беш аз 700 маводи матбуотӣ дар давоми таҳқиқот аз ҷониби худи муҳаққиқ бевосита анҷом дода шудааст. Ҳамаи маводи ҷамъоварда аз рӯйи мавзуъ ва мундариҷа, жанр ба хелҳо ҷудо карда шудаанд. Ин усули кор ба муҳаққиқ имкон фароҳам овардааст, ки масъалаҳои фарҳанги миллӣ ва диниро ба мавзуъҳои гуногун тақсимбандӣ намуда, хусусиятҳои ҳар як гурӯҳро аз рӯйи намунаи маводи матбуот таҳлил намояд.

Муҳаққиқ бори нахуст масъалаи фарҳанги ақаллиятҳои миллӣ ва диниро чун ҷузъи ҷомеаи Тоҷикистон дар маркази таҳқиқи илм ва амалияи журналистика ба миён гузошта, онро ҳамчун масъулияти иҷтимоии рӯзноманигор баҳогузорӣ мекунад.

Таваҷҷуҳи муҳаққиқ ба масъалаи жанрҳои журналистӣ дар инъикоси масоили фарҳангӣ мавзуи баҳси навро дар хусуси жанри мустақил будан ё набудани "пурсиш-посух" ба миён овардааст, ки метавонад бахси навро дар мавриди омӯзиши жанрҳои журналистӣ ба миён оварад. Ҳамчунин, андешаҳои муҳаққиқ дар мавриди бартарият ва мавқеи сохтори дар журналистика солҳои охир маъмулгаштаи "аҳроми воруна" қобили таваҷҷуҳ аст. Таҳлилҳои муаллифи рисола дар мавриди истифодаи қолаби анъанавӣ ва нави хабар дар матбуоти даврӣ чун нишондиҳандаи маҳорати касбии рӯзноманигорон муҳим буда, сабабҳои афзалият доштани қолаби нави хабарнависиро пешниҳод менамояд.

**Пешниҳоди диссертатсия ба шурои диссертатсионӣ.** Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузоштаошуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Олимиён Сабрина Шамсулло дар мавзӯи "Нақши матбуоти даврии тоҷик дар тарғиби фарҳанги миллӣ (дар мисоли

нашрияҳои “Ҷумҳурият”, “Ҷавонони Тоҷикистон”, “Озодагон” ва “Миллат”, солҳои 2010-2015)” ба талабот ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ барои дифоъ ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи шурои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30.03.2022, №7 қабул шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар.
Натиҷаи овоздиҳӣ: «ҷонибдор» - 17 нафар;
«муқобил» - нест;
«бетараф» - нест.
Протоколи №7 аз 30 марти соли 2022

**Раиси ҷаласа: раиси шурои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми филология, дотсент** **Қутбиддинов А.Ҳ.**

**Ташхисгарон:**
**доктори илми филология, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ** **Азимов А.Х.**

**номзади илми филология, сармуҳаррири рӯзномаи “Хатлон”** **Маъмурзода Н.М.**

**Котиби ҷаласа: котиби шурои олимони факултети журналистика** **Қурбонов И.А.**

**Имзоҳои Қутбуддинов А. Ҳ., Азимов А.Х., Маъмурзода Н.М., Қурбонов И.А.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.** **Тавқиев Э.**

**Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хибони Рӯдакӣ, 17**
**Тел: (+992-37) 221-77-11, факс: (+992-37) 221-48-84**
**E-mail: tgnu@ mail.tj. tnu.int.re@gmail. com**